## ТАҚРИЗ

ба автореферати рисолаи номзадии Сатторов Амирҳамза Баҳодурович дар мавзӯи "Таъсирпазирӣ аз оятҳои қуръонӣ ва ҳадисҳои набавӣ дар ғазалиёти Ҳоҷуи Кирмонӣ" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология, аз рӯйи ихтисоси 10.01.01- Адабиёти тоҷик.

Камолиддин Абулато Маҳмуд ибни Алӣ ибни Муҳаммади Кирмонӣ аз ҷумлаи шоирони равшанфикрони маъруф, муктадир ва ғазалсарои адабиёти форсу тоҷик мебошад ва замоне умр ба сар бурдааст, ки забони арабӣ, Қуръон карим ва аҳкоми он ва аҳодиси набавӣ дар тамоми ҷанбаҳои рӯзгори мусулмонон, аз ҷумла, дар шеъру адаби онҳо низ таъсир дошт. Далели шӯҳрати шоир ва маҳбубияту маъруфияти ӯ дар байни аҳлу адаб ва мардуми Кирмон дар он мебошад, ки дар ашъори худ Қуръони каримро бо усул ва шеваҳои гуногуни хос баён кардааст ва дар шеъри худ онро таҳлил намуда, мавкеъи каломи баландмақоми Худовандро нишон додааст. Девони Ҳоҷуи Кирмонӣ тамоюли зиёде ба корбурди мафҳумҳои Қуръону аҳодиси набавӣ ва талмеҳоти динӣ дар ғазалиёти худ дорад ва такроран аз вожаҳои қуръонӣ истифода намудааст. Оғози байтҳои маснавиҳои шоир аз оятҳои қуръонӣ ва вожаҳои ҳадисҳои набавӣ баргирифта шудаанд.

Тадқиқоти А.Б. Сатторов дар мавзӯи "Таъсирпазирӣ аз оятҳои қуръонӣ ва ҳадисҳои набавӣ дар ғазалиёти Ҳоҷуи Кирмонӣ" баррасӣ гардида, муайян карда шудааст, ки дар миёни роҳ ва усулҳои гуногуни таъсирпазирии шоир аз Қуръон ва аҳодиси набавӣ, таъсирпазирии вожагон дар ин самт бештар ба назар мерасад.

Рисола аз муқаддима, се боб, зерфасл ва хулоса иборат мебошад. Дар муқаддима зарурати таҳқиқ ва моҳияти мавзӯъ асоснок, ҳадафу вазифаҳои таҳқиқот ва методи таҳқиқ муайян шуда, арзиши назарӣ ва амалии он мушаххас ва дараҷаи таҳқиқи масъала ба манобеи илмию адабӣ равшан гардидааст.

Боби аввали рисола «Таъсирпазирии Ҳоҷу аз оятҳои қуръонӣ» унвон дошта, чор фаслро дар бар мегирад ва бо таҳлилу хусусиятҳои амиқи он баррасӣ гардида, доир ба таъсири Қуръону аҳодис ва дигар талмеҳоти динӣ дар ғазалиёти Ҳоҷуи Кирмонӣ таваҷҷуҳ зоҳир гардидааст. Дар боби мазкур муйян шудааст, ки таъсирпазирӣ дар осори Ҳоҷу аз Қуръони карим ва аҳодиси набавӣ фаровон истифода гардидааст. Талмеҳ ва ишораҳо ба қиссаҳои қуръонӣ ва ҳадису муъҷизаҳои машҳури Паёмбари

акрам (с) ва дигар бузургони дин низ хеле зиёд ба назар мерасанд. Аксари оёт ва аҳодисе, ки Хоҷуи Кирмонӣ дар девони ашъораш овардааст, саршор аз маънавиёти ирфонӣ буда, шоир дар истифодаи онҳо лаёқат ва маҳорати худро моҳирона нишон додааст.

Боби дуюми рисола ба мавзӯи «Истифодаи Хоҷуи Кирмонӣ аз ҳадисҳои набавӣ» бахшида шуда, аз ду фасл иборат мебошад.

Диссертант дар боби мазкур андешаҳои муҳимро роҷеъ ба таъсири ҳадисҳои набавӣ дар ғазалиёти шоир мавриди таҳқиқ қарор дода, муайян намудааст, ки Хоҷу ба ҷуз истифода аз таркибҳои қуръонӣ, аз ҳадисҳои набавӣ низ баҳра бурдааст. Шоир дар ғазалиёти хеш дар баъзе мавридҳо худи ҳадисро хоҳ дар мисраи дуюм бошад, хоҳ дар сеюм, айнан дар шакли арабии он истифода намудааст. Ё бо камоли нуктапардозӣ баъзе аз ибораи ҳадисро дар мисраи аввал ва боқии онро дар мисраи дувум истифода намудааст. Дар фишурда бо далел нишон додашудааст, ки Хоҷӯ то чи андоза дар осори худ аз ҳадисҳои набавӣ истифода намудааст.

Дар боби сеюм «Хусусиятҳои бадеӣ ва мушаххасоти ҳунари Хоҷу дар корбурди никоти қуръонӣ ва аҳодиси набавӣ» арзёбӣ гардида, аз ду фасл иборат мебошад. Дар боби мазкур муайян гардидааст, ки Хоҷуи Кирмонӣ дар ибрози андешаҳои гуногун ба Қуръон ва аҳодиси набавӣ мурочиат карда, дар ашъори худ бо ҳунари шоирона вожаеро истифода мекунад, ки решаи қуръонӣ дошта бошад ва бо истифода аз оятҳо фасоҳату балоғат ва зебоии шеъри худро афзудааст. Яъне, Хоҷу тавонистааст, дар як байт ҳам аз ояти қуръонӣ ва ҳам аз ҳадисҳои набавӣ иқтибос оварад, ки ин тарзи истифода дар ашъори дигар шоирони ориф кам ба назар мерасад.

Дар маҷмӯъ рисолаи номзадии А.Б. Сатторов манзараи умумии таъсирпазирӣ аз оятҳои қуръонӣ ва ҳадисҳои набавӣ дар ғазалиёти Хоҷуи Кирмониро ба пуррагӣ равшан месозад. Дар хулоса, натиҷагириҳои муаллиф асосан илмӣ ва қобили мулоҳиза ҳастанд.

Аҳаммияти амалӣ ва назарии фишурдаи пешниҳодшуда барои илмҳои риштаи филолоияи тоҷик кам нест ва инро аз хулосаҳои илмии кор дарк кардан метавонем. Маводи зиёди илмии истифодашуда аз камолоти илмии муаллифи кор маълумот медиҳад.

Автореферат бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ мазмуну мундариҷаи корро комилан бозгӯ карда, мақолаҳои таълифнамудаи диссертант ба мазмуну моҳияти рисола созгор мебошад.

Рисолаи номзадии Сатторов Амирҳамза Баҳодурович таҳти унвони "Таъсирпазирӣ аз оятҳои қуръонӣ ва ҳадисҳои набавӣ дар ғазалиёти

Ҳоҷуи Кирмонӣ" ҳамчун тадқиқоти анҷомёфта, комилан ба меъёри рисолаи номзадӣ мутобиқат буда, ба талаботи КАО-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ аст ва муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.01- Адабиёти тоҷик мебошад.

Мудири кафедраи забони тоҷикӣ
ва ҳуҷҷатнигории Академияи
идоракунии давлатии назди
Перзиденти Ҷумҳурии Тоҷикистон
н.и.ф., дотсент Додихудоев Раҷабалӣ Муҳаммадиевич

Суроға: 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, кучаи Саид Носир, 33.
Почтаи электронӣ: bestmuslim@mail.ru
Тел.: (+992) 937000104

Имзои Р.М. Додихудоевро тасдиқ мекунам
Сардори раёсати кадрҳо, коргузорӣ
ва корҳои махсуси Академияи идоракунӣ Ф.Р. Суфизода